# ХУЛОСАИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О18-иназди Донишгоҳи миллӣ Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 12 ноябри соли 2024, тахти №70,**

Диссертатсияи Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи: «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар таърихи 11 июни 2024, суратмаҷлиси №60 аз ҷониби Шурой диссертатсионии 6D.КОА-О18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори Шурой диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон 07 январи соли 2022, тахти №16/шд) (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Қодирзода Ғолиб Нурулло 1-уми январи соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2008 ба шуъбаи рузонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2013 аз руйи ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор хатм намудааст.

Аз соли 2013 то ба ҳол ба ҳайси омӯзгори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда, аз соли 2020 то инҷониб унвонҷӯи кафедраи номбурда мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ:

**Мансурзода Амиршоҳ Мансур** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

**– Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Саъдизода Ҷаҳонгир –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе.

**Муассисаи пешбар:** муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Холинова Мижгона Муборакшоевна, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, (ихтисос: 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) омода гардида, аз ҷониби раиси семенари васеи илмӣ-назариявӣ, дотсенти кафедраи назарияи давалат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Абдулхонов Ф.М. ва котиби ҷаласа, мутахассис-коргузори кафедраи назарияи давалат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бозорова С.С. имзо ва аз ҷониби, Ректори Академия идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Д.Ҷ. санаи 30 сентябри соли 2024 тасдиқ шудааст, қайд менамоянд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳри 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақола дар нашриёҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз руйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

1. Мансурзода, А.М., Қодирзода, Ғ.Н. Алоқамандии ахлоқ ва меъёри ҳуқуқ: таҳлили мухтасар [Матн] / А.М. Мансурзода, Ғ.Н. Қодирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №3 (47). – С. 36-41. – ISSN 2412-141X.

2. Мансурзода, А.М., Қодирзода, Ғ.Н. Нигилизми ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва пайомадҳои он [Матн] / А.М. Мансурзода, Ғ.Н.

Қодирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №3 (55). – С. 37-43. – ISSN 2412-141X.

3. Қодирзода, Ғ.Н. Аҳаммияти шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии кормандони МКД дар эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалии Донишгохи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ. – 2022. – №4 (28). – С. 69-78. – ISSN 2414 9217.

4. Қодирзода, Ғ.Н. Шуури ҳуқуқии нозирони бозрасии давлатии автомобилӣ: назария ва амалия [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. – №1 (61). – С. 123-130. – ISSN 2412-141X.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

5. Қодирзода, Ғ.Н. Нигилизми ҳуқуқӣ: назария ва ама-лияи он (таҳлили мухтасар) [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Давлат-шиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалии Донишгохи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ. – 2020. – №4 (20). – С. 23-29. – ISSN 2414-9217.

6. Қодирзода, Ғ.Н. Сатҳи баланди шуури ҳуқуқии кон-ститутсионӣ омили рушди ҳуқуқи инсон [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Маводи III-умин конференсияи илмӣ – назариявии байналми-лалӣ дар мавзуи «Таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон» (ш. Душанбе, 10 декабри соли 2020). – С. 201-205.

7. Қодирзода, Ғ.Н., Ҷалолзода, С.И. Шуури ҳуқуқии конститутсионӣ омили самарабахш дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода, С.И. Ҷалолзода // Маводи VIII-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Национальная правовая система Республики Таджики-стан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития» (шаҳри Душанбе, Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон, 30-юми октябри соли 2020). – С. 92-95.

8. Қодирзода, Ғ.Н. Аҳаммияти шуури ҳуқуқии корман-дони МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Маводи IV-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» (ш. Душанбе, 10 декабри соли 2021). – С. 175-178.

9. Қодирзода, Ғ.Н. Нақши ахлоқ ва шуури ҳуқуқӣ дар пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Маводи V-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» (ш. Душанбе, 10 декабри соли 2022). – С. 120-124.

10. Қодирзода, Ғ.Н. Ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ: таҳлили мухтасар [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 115-солагии академик Бо-боҷон Гафуров (шаҳри Душанбе, ДДМ ба номи М.В. Ломоносов, 28-29-уми апрели соли 2023). – С. 112-117.

11. Қодирзода, Ғ.Н. Тарбияи ҳуқуқӣ - омили ташаккулё-бии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Маводи II-юмин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи

«Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, 29 апрели соли 2023). – С. 240-243.

12. Қодирзода, Ғ.Н. Тарбияи ҳуқуқӣ – ҷузъи ҷудонаша-вандаи сиёсати тарбиявии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Тарбияи ҳуқуқӣ ва фарҳанги сиёсии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити дигаргуншавии ҷомеаи Тоҷикистон: мушкилот ва стратегияи рушд. – Душанбе: Нашриёти РТМТ ва Н-ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 86-97.

13. Қодирзода, Ғ.Н. Шуур ва фарҳанги ҳуқуқии касбӣ: таносуби онҳо [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Маводи конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи 25 солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо. – Душанбе, 2023. – С. 100-103.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– **Раҳимзода Р.Ҳ.** – Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **Раҷабзода Р.М.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Раиси кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон;

– **Раҳмон Д.С.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ;

– **Нематов А.Р.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Шосаидзода Ш.Ш.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи пажӯҳиши ҳуқуқи исломии Муассисаи давлатии «Маркази исломшиносӣ» дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавӣ дошта пешниҳод шудааст. Аз ҷумла пешниҳод гардидааст, ки аз ҷониби диссертант манзур намудани пешниҳодҳои асоснок ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия» ба манфиати кор мебошад ва ғайра.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-10 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 № 295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илми дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** бори аввал дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии номзадӣ масъалаи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд аз лиҳози назариявӣ баррасӣ карда шудааст.

– **пешниҳод шудааст:** мафҳуми шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ; мафҳуми тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ; функсияи инсондӯстии шуури ҳуқуқӣ; хусусиятҳои тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ; баланд бардоштани шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ тавассути телевизион, радио ва шабакаҳои иҷтимоӣ; ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ вобаста ба даврабандии ислоҳоти милитсия; такмили ихтисос омили ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ; дар доираи таҷрибаи давлатҳои пешқадам истифодаи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ҳамчун омили рушди шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ; дар шароити ислоҳоти соҳа ташкил намудани равзанаи итти-лоотӣ-ҳуқуқӣ дар сомонаи расмии мақомоти корҳои дохилӣ ҳамчун омили рушди шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ.

– **исбот шудааст:** сатҳи пасти шуури ҳуқуқӣ кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва дар маҷмуъ шаҳрвандони кишвар омили ҳуқуқвайронкунӣ буда, ҷиҳати амалаигардонии мақсадҳои ташаккули давлати ҳуқуқбунёд монеа эҷод менамоянд.

– **ҷорӣ намудани:** технологияи замони муосир, такмили ихтисоси кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилӣ, амалӣ намудани таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ, омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилӣ ва байналмилалӣ омили рушди шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба ҳисоб меравад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** натиҷаҳои кори илмӣ барои дарки илмии мафҳуми шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ поя гузошта, он барои ташккулёби шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд заминаҳои назарияӣ-илмӣ фароҳам меорад. Инчунин натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дохилиидоравии зерқонунӣ соҳавӣ истифода шаванд. Ҳамзамон натиҷаҳои кори мазкур метавонад барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад намояд. Дар баробари ин натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки роҳҳои асосии ташаккулёбии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд муайян карда шавад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** самаранок ҷанбаҳои муҳимми илмҳои фалсафа, сотсиология, психология, инчунин, назарияи давлат ва ҳуқуқ ва ҳамзамон, дар таҳқиқот усулҳои умумии фалсафӣ ба монанди усулҳои диалектикӣ, низомнок, функсионалӣ ва таҳлилӣ истифода шудаанд. Инчунин, усулҳои махсуси таърихӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ низ истифода гардидаанд. Гузашта аз ин, аз ҷониби диссертант ба таври моҳирона усули сотсиологӣ дар шакли пурсиш гузаронида шуда, ҷиҳати асоснокнамоии андешаҳои худ ба маврид истифода намудааст.

– **баён шудани** дар асоси таҳқиқи назариявӣ мафҳуми шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз ҷониби муаллиф манзур карда шудааст.

– **ошкор гардидани** омилҳои таъсиррасон ба ташаккулёбии шуури ҳуқуқӣ ва шаклдигаркунии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд муайян гардидааст.

– **омӯхта шуданд:** дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи донишҳои назариявӣ хусусиятҳои тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, сабаб ва омилҳои пайдоиши нигилизми ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва омилҳои ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомти корҳои дохилӣ.

– **аз нав такмил додани** сатҳу сифати таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, ба таври зарурӣ роҳандозӣ карда шуда, ҳамаи кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба бозомӯзӣ ва такмили ихтисос фаро гирифта шуда, ҷобаҷогузории дурусти кадрӣ, содагардонии дастрасӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқкарда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ истифода шаванд, инчунин, дар равандиислоҳоти соҳа ва ҳамзамон дар фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, ки субъекти махсуси маърифатикунонии ҳуқуқии аҳолӣ мебошанд ба таври васеъ ба кор бурда мешавад.

– **муайян карда шуданд**, ки самти асосии коҳиш додани нигилизми ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ин пеш аз ҳама ба ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ вобаста буда, ба ин васила раванди зарурии татбиқнамоии қонунгузорӣ таъмин карда мешавад.

– **офарида шуд:** барои пурра омӯхтан ва ба натиҷаи назаррас ноил гардидан ҷиҳати ташккулдиҳии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бо назардошти имконот ва шароитҳои мавҷуда, раванди ислоҳоти соҳа, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд, рушди низоми қонунгузорӣ ва аз байн бурдани ихтилофоти ҳуқуқӣ амри воқеи дониста шуд.

– **муаррифӣ карда шуд:** сатҳи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохтилӣ дар шароити ташккулёбии давлати ҳуқуқбунёд, натиҷаҳои

назарраси раванди ислоҳоти милитсия аз замони ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, шароити мавҷуда ҷиҳати таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, раванди босамари татбиқи қонун.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба нуктаҳои назари илмӣ ва фаъолияти амалии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумоти гуногуни илмӣ, назариявӣ, амалӣ, ва инчуннин натиҷаи назарсанҷӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** бо мақсади ба таври назаррас ташаккул додани шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд таваҷҷуҳ зоҳир карда шудаанд. Қисме аз маълумоти ҷойдошта метавонанд дар амалияи ҳуқуқӣ мавриди таҷриба қарор дода шаванд.

– **ғоя асоснок шудааст:** мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ дар омӯзиши ҳамаҷонибаи мафҳум ва сохтори шуури ҳуқуқии кормандони МКД, муайян намудани вазъи имрӯза ва омилҳои таъсиррасон ба он, инчунин манзур намудани пешниҳод вобаста ба рушди шуури ҳуқуқии МКД дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёдба ҳисоб меравад. Инчунин, андешидани роҳҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва ба ин васила мусоидат намудан ба ташаккули давлати ҳуқуқбунёд яке аз мақсадҳои асосии таҳқиқот ба ҳисоб меравад.

– **истифода шудаанд:** бо мақсади дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ намудани масъалаи шуурихуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд корҳои илмии олимони дохил ва хориҷи кишвар, маҳзанҳои қонунгузории дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин таҷрибаи давлатҳои пешқадам дар сатҳи зарурӣ истифода гардидаанд.

– **муайян шудаанд:** ташаккули шуури ҳуқуқии аҳолӣ ва дар заминаи он шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқии давлатӣ буда, бо мақсади устувор гардонидани волоияти қонун, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар шароити ташаккули давлати демокративу ҳуқуқбунёд роҳандозӣ шудаанд.

–**истифода карда шуданд:** таҷрибаи пешқадами илм ва амалияи дохил ва хориҷӣ кишвар, инчунин натиҷаи назарсанҷӣ ва маълумоти оморӣ дар самти ҳуқуқвайронкунӣ ва омилҳои муайянкунандаи сатҳи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарачаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Дар маҷлиси Шуроӣ диссертатсионӣ аз 12-уми ноябри соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Қодирзода Ғолиб Нурулло дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, тахти №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқушиносӣ 14 нафар, мукобил - нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**